***ТАҚРИЗ***

***ба автореферати Исуфов Шердил Ватанович дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик). – Душанбе, 2023.***

Дар диссертатсияи Исуфов Шердил Ватанович яке аз мавзъҳои кам омухташудаи таърихи Ҷанги Бузурги Ватанӣ «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ 1941-1945)» мавриди таҳқиқ қоро гирифтааст. Оиди мавзуи мазкур то имрӯз дар таърихнигории ватанӣ таҳқиқоти мукаммали илмӣ анҷом дода нашудааст, ки ин далели мубрамии мавзуи мазкур мебошад.

Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ташкил медиҳад.

Ба сифати сарчашмаҳо дар диссертатсия маводҳои Бойгонии давлатии таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб, нашрияҳои ВАО, асарҳо, китобҳо ва мақолаҳо истифода шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он зоҳир мегардад, ки ба воқеаҳо ва далелҳои марбут ба хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бори аввал баҳои воқеӣ дода мешавад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва тавсия оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва номгӯйи адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад, вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, асосҳои методологӣ, заминаи манбаъвии кор, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, предмет ва объект, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот муайян гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Сафарбаркунии хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ»** ном дошта, дар зербобҳои он вазъи хоҷагии деҳоти вилоят дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ, чорабиниҳо оид ба пурзӯр намудани пойгоҳи моддӣ-техникии хоҷагии қишлоқ, масъалаи таъмин намудани соҳаи аграрӣ бо мутахассисон ва дигар қувваҳои истеҳсолӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия **«Саҳми кишоварзони вилояти Кӯлоб барои ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ»** масъалаҳои муборизаи меҳнаткашони вилоят барои таъмин намудани эҳтиёҷоти ҷабҳа, корнамоиҳои сокинони деҳот дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ҳаёти

маданӣ-маишии кишоварзони вилоят дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ мавриди таҳлил ва пажӯҳиш ғарор гирифтаанд.

Дар хулосаи диссертатсия назару пешниҳодҳои муаллиф оварда шудааст.

Аз банду баст ва муҳтавои автореферат муайян мегардад, ки диссертатсияи мазкур мувофиқ ба талаботи нишондодашудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссетртатсияҳои доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад. Муаллиф оид ба мавзуи диссертатсияи худ 18 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла, 8 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ва 10 мақола дар дигар нашрияҳо ба нашр расонидааст.

Хулоса, диссертатсияи Исуфов Шердил Ватанович дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)» кори мантиқан ба анҷом расида ҳисобида шуда, ба бандҳои асосии «Талаботи додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020301-Таърихи ватанӣ мебошад.

**Муқарриз,**
**Сардори Шуъбаи автоматикунонии низоми**
**таълим ва тестии Академияи идоракунии**
**давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои таърих:** **Маҳмадзода У.Д.**

Имзои номзади илмҳои таърих
У.Д. Маҳмадзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Ҳамидов Ш.Б

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Саид Носир, 33,
тел.: (+992 37) 22-86-220
почтаи электронӣ: info@apa.tj

28.02.2023с.